# ПРОТОКОЛИ № 3

мақлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА – 110

аз «17» июни соли 2026 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2025, № 490/шд тасдиқгардида 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 9 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона кабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзӯи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои техникӣ, дотсент Эшов Б.Б. ва аъзои комиссия д.и.х., профессор Абулхаев В.Ҷ., д.и.т., дотсент Самиҳзода Ш.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзӯи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ» ибрози андеша намуда, кайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзӯи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия пешниҳод шудааст, шунида, **баррасӣ карда**,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сайдаҳмадзода Раҷабалӣ Сайдаҳмад дар мавзуи: «Таъсири калсий, стронсий ва барий ба хосиятҳои физикавӣ-механикӣ ва химиявии хӯлаи алюминийи AlCu4.5Mg1 навъи дюралюминӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.5.16. Маводшиносӣ дар саноати металлургия ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– дотсенти кафедраи таъминоти барқ ва бехатарӣ электрикии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ – Исозода Диловаршо Тариқ;

– дотсенти кафедраи сохтмон ва меъмори Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои техникӣ – Садриддинзода Сабур Садриддин;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъин гардад.
4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.
6. Таърихи баргузории ҳимоя 16 – сентябри соли 2026 соати 9:00 дар толори шурои диссертатсиони Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** Тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои техникӣ, профессор Сафаров А.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Холов Х.И.